Номаҳои

Мансури Ҳошимии Хуросонӣ



Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари ҳифз ва нашри осори
Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

Номаи арзишманд аз он ҳазрат ки ҳовии си дастури ахлоқӣ аст.

Яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт: Барои Мансури Ҳошимии Хуросонӣ аъядуллоҳи таъолло номае навиштам ва аз ӯ хостам ҳар амале ки пас аз шинохти ҳақ ва ёрии он бояд анҷом диҳам то растгор шавамро бароям бинависад. Пас бароям навишт:

<<Ва аммо баъд;

[1 .] Намозро дар аввали вақти он барпо дор.

[2 .] Нофилаи шабро тарк накун ва дар саҳаргоҳ ба истиғфор кӯш.

[3 .] Агар метавонӣ ки лаҳзае аз Худованд ғофил набошӣ пас набош; Чароки ғафлат аз Ӯ решаи ҳар гуноҳе аст.

[4 .] Маргро бисёр ёд кун ва ба зиёрати қабрҳо бирав; Чароки дере бар замин нахоҳӣ монд.

[5 .] Панҷшанбеи аввал ва охар ва чоҳоршанбеи васати ҳар моҳро рӯза бигир; Чароки ин суннат аст.

[6 .] Садақа бидеҳ; Чароки гоноҳонатро фуру мерезад.

[7 .] Бо падар ва модарат некӣ кун, агарчи бо ту бадӣ кунанд; Чароки ба андозаи кофӣ бо ту некӣ кардаанд.

[8 .] Раҳими хешро қатъ накун, агарчи ба тори мӯйе овехта бошад.

[9 .] Дурӯғ нагӯ, магар онки битарсӣ кушта шавӣ ё касеро ба куштан диҳӣ.

[10 .] Ғайбат накун, магар онки кофир ё фосиқе бошад. Пас чун бар дигарон дар ғаиёби онон хӯрда мегирӣ бигӯ: Касоне ки чунин мекунанд ё чунон мегӯянд ва номе аз онон набар.

[11 .] Ҷидол накун, агарчи ҳақ бо ту бошад, балки далилатро бигӯ ва сукут кун, агарчи муттаҳам ба шикаст шавӣ.

[12 .] Хатоятро бипазир, агарчи биният ба хок молида шавад.

[13 .] Аз ҳар кори баде ки мебинӣ наҳӣ кун ва ба ҳар кори хубе ки намебинӣ амр кун. Ин калиди ислоҳи ҷаҳон аст.

[14 .] Пургӯйи накун то солим бимонӣ; Чароки гуфтори фаровон холӣ аз айб нест.

[15 .] Мазоҳ накун, магар онки рост бигӯйи.

[16 .] Ба касе дашном надеҳ ва тӯҳмат назан, агарчи шойистаи марг бошад.

[17 .] Ба ваъдаат поянда бош, агарчи бо кӯдаке бошад.

[18 .] Обурӯи мӯъминро нарез; Чароки обурӯят рехта хоҳад шуд.

[19 .] Хашм нагир, магар инки онро фуру диҳӣ; Чароки хашм дарвозае аз дарвозаҳои дӯзах аст.

[20 .] Бар мардум сахт нагир то бар ту сахт нагиранд; Яъне айбҷӯйи, мушикофӣ, шамотат ва талофӣ накун.

[21 .] Корҳоятро ба дигарон наспор магар он гоҳ ки фуру мемонӣ.

[22 .] Шикаматро пур накун ва чизе ки муносиб табъат нест нахур.

[23 .] Ғаризаи ҷинсият девӣ гурусна ва хуфта аст. Зинҳор онро бедор накун ки туро хоҳад хӯрд.

[24 .] Дар бораи чизе ки намедонӣ, изҳори назар накун; Чароки ба газзофагӯӣ дучор хоҳӣ шуд.

[25 .] Камтар аз панҷ соъат ва бештар аз ҳашт соъат нахоб; Чароки ба худ зиён хоҳӣ расонд.

[26 .] Ҳар хабаре ки мешунавиро ҳикоят накун; Чароки мумкин аст дурӯғ бошад.

[27 .] Вақти ту аз алмос гаронбаҳотар аст. Пас онро барои бозӣ ва коре ки фоидае надорад сарф накун.

[28 .] Мутолеъа кун; Чароки ҳанӯз чизҳои бисёре ҳаст ки намедонӣ.

[29 .] Варзиш кун; Чароки мӯъмини қавӣ аз мӯъмини заъиф беҳтар аст.

[30 .] Покиза ва ороста бош, агарчи рӯзнома бар тан дошта бошӣ.

Аз Худованд барои худам ва ту талаби тавфиқ ва мағфират дорам ва салом бар ту ва ҳар касе ки пайрави ҳидоят аст>>.

Шарҳи нома:

Барои мардон ва занони мӯъмин бойиста аст ки қадри ин номаи арзишмандро бидонанд ва онро барномаи тазкия ва ислоҳи худ қарор диҳанд, то бо ин шева ба Худованд тақарруб ёбанд ва барои ёрии халифааш дар замин омода шаванд.

